# Шарҳи моҳонаи таваррум • ЯНВАРИ 2024

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи январи соли 2024 0,4 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,1 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда болоравии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби афзоиш ёфтани арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 1,8 фоиз, маҳсулоти хӯрокворӣ 0,1 фоиз ва молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,1 фоиз ба амал омад.

Дар сохтори арзиши хизатрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бештар болоравии нархи маъмуран танзимшаванда, аз қабили қувваи барқ ба андозаи 14,5 фоиз ба назар расид.

Аз маҳсулоти хӯрокворӣ бошад, дар моҳи январ асосан афзоишёбии нархи бодиринг 6,5 фоиз, себ 6,3 фоиз, нок 5,3 фоиз, помидор 4,1 фоиз, пиёз 2,3 фоиз, ангур 1,9 фоиз, гӯшти гов 0,6 фоиз, биринҷ 0,3 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Дар баробари ин, дар моҳи мазкур пастравии нархи маҳсулотҳои хӯрокворӣ, аз ҷумла сабзӣ 10,8 фоиз, шакар 2,1 фоиз, орди навъи якум 1,3 фоиз, гӯшти гӯсфанд 0,4 фоиз, карам 0,2 фоиз ва гӯшти мурғ 0,1 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, дар моҳи январи соли ҷорӣ бештар қиматшавии нархи ангишт 12,6 фоиз, маводи шустушӯи 0,7 фоиз ва маҳсулоти доруворӣ 0,2 фоиз мушоҳида гардид. Дар баробари ин, нархи маводи сӯзишворӣ, аз қабили нархи гази моеъ 4,4 фоиз ва бензини АИ-92 4,3 фоиз раванди коҳишёбӣ доштанд.

Тибқи маълумоти омори расмӣ сатҳи таваррум дар моҳи январи соли 2024 дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла дар Туркия 6,7 фоиз, Арманистон 1,2 фоиз, Россия 0,9 фоиз, Қазоқистон 0,8 фоиз, Беларус 0,8 фоиз, Ӯзбекистон 0,6 фоиз ва Гурҷистон 0,3 фоизро ташкил намуд.

**Таваррумӣ моҳона ва солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохторӣ онҳо дар таваррумӣ солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)

| Кишварҳо | Таваррумӣ моҳона (январ с. 2024) | Таваррумӣ солона (январ с.2024) |
|---|---|---|
| Туркия | 6,7 | 64,9 |
| Арманистон | 1,2 | -0,9 |
| Россия | 0,9 | 7,4 |
| Қазоқистон | 0,8 | 9,5 |
| Беларус | 0,8 | 5,9 |
| Ӯзбекистон | 0,6 | 8,6 |
| **Тоҷикистон** | **0,4** | **3,8** |
| Гурҷистон | 0,3 | 0,0 |

**Сатҳи таваррруми солона бошад, дар моҳи январи соли 2024 3,8 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли қаблӣ 0,5 б.ф. кам мебошад.**

Дар моҳи январи 2024 сатҳи таваррруми солона дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 64,9 фоиз, Қазоқистон 9,5 фоиз, Ӯзбекистон 8,6 фоиз, Россия 7,4 фоиз, Беларус 5,9 фоизҷ ва Арманистон -0,9 фоизро ташкил менамояд.

Сатҳи таваррруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи январи соли ҷорӣ -0,1 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона бошад, ба 1,4 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати пулию қарзиро ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум минбаъд низ идома хоҳад дод.**

**Таваррруми аслии солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)* | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Вазн,% | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | | | | | 2023 | | | | | 2024 | Янв тағйирёбии моҳона, % |
| | | | | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Март | Июн | Сен | Дек | Январ | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,4** | **8,0** | **7,8** | **7,3** | **8,3** | **5,7** | **4,2** | **4,3** | **3,6** | **2,4** | **5,1** | **3,8** | **3,8** | **0,4** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **47,9** | **11,4** | **13,5** | **7,5** | **6,8** | **7,2** | **9,6** | **7,9** | **5,2** | **5,3** | **4,3** | **1,1** | **5,8** | **3,4** | **2,9** | **0,0** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 12,7 | 16,5 | 13,8 | 4,0 | 4,8 | 11,0 | 24,6 | 13,0 | 4,7 | 2,5 | -2,6 | -8,7 | 2,3 | 6,4 | 7,9 | -0,5 |
| Биринҷ | 2,5 | 7,6 | 3,2 | -7,5 | -7,5 | -5,7 | -1,2 | 1,7 | 9,1 | 15,9 | 21,6 | 54,1 | 54,8 | 45,3 | 38,0 | 0,3 |
| Орд | 6,1 | 21,0 | 16,4 | 8,0 | 8,8 | 18,0 | 38,3 | 18,3 | 2,8 | -4,8 | -12,6 | -30,1 | -14,8 | -7,3 | -1,5 | -1,3 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,8 | 21,8 | 5,7 | 15,1 | 15,3 | 9,8 | 0,3 | -2,4 | -0,8 | 0,0 | -0,2 | 5,3 | 6,8 | 3,8 | 3,2 | 0,3 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 6,2 | 14,9 | 15,1 | 7,7 | -4,9 | -8,5 | -4,8 | -3,6 | -2,5 | 6,5 | 9,3 | 5,7 | 4,9 | 0,6 |
| Тухм | 1,7 | 6,3 | 18,9 | -14,4 | -24,0 | -21,2 | -12,1 | 17,4 | 43,1 | 48,3 | 40,4 | 19,6 | 0,3 | -30,6 | -25,8 | 1,3 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 6,4 | 4,3 | 8,9 | 7,7 | 23,6 | 23,9 | 25,4 | 25,4 | 28,8 | 14,7 | 8,6 | 5,2 | 2,2 | 6,4 | 5,8 |
| Шир | 0,7 | 7,3 | 5,6 | 4,3 | 4,0 | 15,4 | 21,3 | 11,6 | 20,4 | 23,2 | 18,5 | 8,9 | 6,7 | 3,5 | 0,8 | 1,0 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 42,3 | 20,8 | 20,5 | 12,4 | 4,3 | -2,7 | -10,6 | -11,3 | -11,2 | -28,9 | -22,7 | -24,5 | -21,9 | 2,1 |
| Меваҷот | 4,4 | -2,2 | 4,7 | -6,7 | -6,6 | -8,3 | -6,1 | -8,8 | -6,9 | -5,8 | 1,5 | 13,9 | 28,8 | 33,1 | 34,0 | 3,3 |
| Сабзавот | 7,3 | 15,4 | 5,8 | 16,4 | 11,6 | 6,3 | 1,8 | 14,9 | 12,1 | 14,8 | 23,1 | 17,1 | 18,1 | 0,0 | -5,5 | 0,2 |
| Шакар | 1,6 | -5,1 | 40,8 | 4,4 | 4,3 | 6,9 | 22,0 | 12,0 | 6,2 | 2,0 | -9,1 | 8,3 | 18,2 | 27,6 | 29,9 | -2,1 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,5 | 8,1 | -2,2 | -0,7 | 0,6 | 2,6 | 5,5 | 14,6 | 14,0 | 13,4 | 13,1 | 10,9 | -5,2 | -3,8 | -11,6 | -8,2 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **5,9** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,5** | **6,7** | **5,5** | **6,0** | **6,7** | **6,5** | **2,7** | **5,7** | **10,4** | **4,8** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **1,0** | **5,0** | **5,8** | **5,7** | **6,2** | **6,0** | **5,9** | **2,9** | **2,8** | **1,5** | **0,5** | **0,8** | **2,0** | **2,0** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **28,0** | **4,2** | **5,8** | **7,5** | **7,8** | **6,3** | **6,6** | **4,7** | **3,9** | **4,1** | **3,5** | **4,5** | **6,0** | **6,6** | **5,8** | **0,1** |
| Либос ва пойафзол | 12,2 | 13,4 | 4,5 | 2,8 | 3,2 | 2,4 | 3,4 | 2,5 | 4,0 | 4,1 | 4,3 | 5,5 | 7,3 | 6,0 | 5,4 | 0,0 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 1,8 | 4,9 | 8,0 | 8,0 | 6,8 | 7,8 | 8,3 | 7,9 | 3,8 | 4,2 | 2,9 | 5,8 | 5,4 | 5,5 | 4,8 | -0,2 |
| Маводи шустушӯй | 1,5 | 3,3 | 10,1 | 4,6 | 5,2 | 5,1 | 13,6 | 17,9 | 22,6 | 24,9 | 24,2 | 14,7 | 4,6 | -1,5 | -3,2 | 0,7 |
| Доруворӣ | 1,9 | 13,0 | 7,8 | -0,7 | 4,2 | 7,4 | 8,7 | 10,3 | 11,2 | 7,0 | 5,1 | 11,5 | 9,4 | 13,2 | 12,5 | 0,2 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 1,3 | -5,7 | -6,1 | 63,0 | 54,6 | 33,2 | 18,1 | -3,8 | -21,2 | -25,1 | -26,9 | -19,2 | -2,9 | 19,5 | 22,9 | -3,3 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 0,3 | -9,9 | 14,8 | 2,7 | 2,7 | 5,1 | 4,7 | 1,5 | -1,7 | 3,1 | 1,1 | -0,9 | -0,8 | 8,3 | 10,2 | 6,7 |
| Васоити нақлиёт | 0,7 | 0,8 | 3,2 | 2,9 | 4,0 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,1 | 0,1 | 0,1 | 0,7 | 13,2 | 12,7 | 12,6 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 3,8 | 8,8 | 3,7 | 4,1 | 3,2 | 3,1 | 4,9 | 5,4 | 5,3 | 4,8 | 3,7 | 3,5 | 2,5 | 2,4 | 0,2 |
| **Хизматрасониҳо** | **21,5** | **5,5** | **4,0** | **11,3** | **11,5** | **9,9** | **8,4** | **1,3** | **2,0** | **1,9** | **2,1** | **2,7** | **3,6** | **1,2** | **3,0** | **1,8** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 8,1 | 9,1 | 1,8 | 13,1 | 13,2 | 10,1 | 5,2 | -5,3 | 4,4 | 3,2 | 4,3 | 7,5 | 9,1 | 1,7 | 9,2 | 6,2 |
| Иҷорапулии манзил | 0,4 | 2,8 | 6,0 | -1,1 | -0,9 | 3,7 | 4,5 | 5,9 | 7,0 | 8,0 | 3,2 | 3,2 | 2,7 | 1,2 | 1,7 | 1,7 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 1,4 | 4,3 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,7 | 0,7 |
| Қувваи барқ | 5,3 | 16,2 | 0,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,7 | 17,7 | 0,3 | 14,8 | 14,5 |
| Оби гарм | 0,1 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 0,4 | -5,9 | 4,0 | 66,1 | 66,6 | 44,4 | 13,1 | -23,7 | -29,6 | -46,8 | -42,2 | -34,6 | -4,4 | 27,0 | 58,9 | -5,1 |
| Нақлиёт | 3,7 | 3,7 | 3,0 | 22,4 | 22,4 | 19,5 | 19,2 | 9,3 | -1,2 | 0,5 | -0,2 | -1,8 | -3,2 | -4,2 | -5,2 | 0,7 |
| Алоқа | 2,8 | 0,1 | 9,0 | 0,1 | -0,7 | -0,7 | -0,6 | -0,7 | -0,7 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,0 | -1,4 | -1,3 |
| Маориф | 2,0 | 1,5 | 9,3 | 7,8 | 8,2 | 8,2 | 8,3 | 0,7 | 1,4 | 1,4 | 1,3 | 1,2 | 3,6 | 3,1 | 3,6 | 0,9 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 15,6 | 0,4 | 0,1 | 0,3 | 1,1 | 2,1 | 2,1 | 2,0 | 1,9 | 1,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 3,5 | 3,5 |
| Маишӣ | 3,4 | 3,8 | 6,7 | 1,7 | 2,8 | 3,2 | 4,1 | 4,5 | 5,0 | 3,9 | 3,9 | 3,5 | 4,3 | 4,8 | 6,4 | 2,0 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо